ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ
АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Бо ҳуқуқи дастнавис

УДК: 341. 221. 4 (575. 3)

ББК: 67.91 (2Т)

Ф - 17

Файзов Рамазон Холмадович

ТЕРРОРИЗМИ СИЁСӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРЁБИИ ҶОМЕА (ТАҶРИБАИ ТОҶИКИСТОН)

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи
ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050202 –
Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ)

Кӯлоб – 2022

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом дода шудааст

Роҳбари илмӣ:	**Каримов Шамсиддин Турсунматович,** доктори илмҳои сиёсӣ, директори Ассотсиатсияи миллии созмонҳои ғайридавлатии Тоҷикистон
Муқарризони расмӣ:	**Маҳмадизода Нозим Давлатмурод,** доктори илмҳои фалсафа, декани факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; **Неъмонов Ҷафар Мулкамонович,** номзади илмҳои сиёсӣ дотсент, мудири кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон
Муассисаи пешбар:	**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳимояи диссертатсия «10» июни соли 2022, соати 16^{00} дар маҷлиси Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA – 001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, бинои таълимии 15, баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 17) ва сомонаи расмии ДМТ www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _____ соли 2022 тавзеъ шудааст.

И.в. котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих Акрамӣ З.И.

МУҚАДДИМА

Мубрам будани мавзуи таҳқиқот. Таҳқиқ ва таҳлили тамаддуни муосир оғози ҳазорсолаи сеюмро бо авҷгирии шаклҳои гуногуни терроризм, ки дар аксари кишварҳои ҷаҳон паҳн гаштааст, муайян мекунад. Аз ин лиҳоз терроризм ба як зуҳуроти номатлуби иҷтимоию сиёсӣ мубаддал гашта, дар арсаи байналмилалӣҳамчун воситаи ғайриқонунии ба ҳадаф расонидашаванда мавриди истифода қарор гирифтааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, вобаста ба таҳдидҳои замони муосир таъкид намудаанд: «... дар гӯшаҳои гуногуни олам нооромию низоъҳо идома ёфта, барои ҷомеаи ҷаҳонӣҳамчун айёми душвору пуртазод эътироф гардид. Дар ин давра зиёда аз сад давлати дунё мавриди ҳамлаҳои ғайриинсонии террористон ва ифротгароён қарор гирифт»[1]. Дар робита ба ин зуҳуроти номатлуб сарвари давлат боз таъкид менамоянд: «Терроризм ва экстремизм ба хатари глобалӣ табдил ёфта, ҷаҳони муосирро ба ташвиш овардааст. Афзоиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта ба вусъат ёфтани терроризми байналмилалӣ, фаъолшавии унсурҳои тундраву ифротгаро, ҷалби ҷавонон ба сафи созмонҳои экстремистию террористӣ ва иштироки онҳо дар низоъҳои мусаллаҳонаи давлатҳои хориҷӣ мусоидат менамояд. Мо бояд кӯшиш ба харҷ диҳем, ки пеши шомилгардонии ҷавонони кишварамон ба чунин ҳизбу ҳаракатҳои тундраву террористӣ гирифта шавад».[2]

Терроризми сиёсӣ ҳамчун мушкилоти рӯзмараи заҳролудкунанда дар асари торафт доман паҳн намудани ҷуғрофияи нооромиҳо ба асосҳои бунёдии тартибу низоми ҷаҳонӣ таҳдиди бевосита эҷод мекунад. Ва имрӯз яке аз мушкилиҳои асосии таъмини рушди устувори ҷомеаи тағйирёбанда ин пурзӯр гардидани мубориза барои соҳаҳои таъсиррасонӣ миёни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, сиёсӣ, миллӣ, динӣ, минтақавӣ, иттиҳоду иттифоқҳо, созмонҳои байналмилалӣ, хусусияти қавмӣ ва мазҳабидошта, истифодаи зуд-

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017. [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/16771 (санаи мурочиат: 23.05.2019).

[2] Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои Истиқлол [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: «Ганҷ-нашриёт», 2018. – С. 372.

зуди усулҳои террористӣ мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонии муқовимат алайҳи терроризм ва экстремизм нишон медиҳад, ки манбаъҳои зиёди терроризми сиёсӣ ба вуҷуд омада, хусусияти онро тағйир медиҳанд. Аз ҷониби дигар, худи ҳаракатҳои тундгаро ва даҳшатафкан беэътиноии дағалонаро нисбат ба қонун ва ахлоқ нишон дода, ба ҳамкориҳои байналмилалӣ монеъ эҷод мекунанд, аз набудани суботи сиёсӣ истифода намуда ба озодию асосҳои демократӣ ва низоми ҳуқуқии дилхоҳ давлат халал мерасонанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам масъалаи терроризм ва муқовимати зидди он рӯзмарра гардида, ба хотири пешгирӣ аз таҳдидҳои афзояндаи терроризм ва экстремизм бо пайгирӣ аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ва минтақа аз ҷониби Ҳукумати мамлакат низ як қатор қонуну санадҳои муҳим оид ба ин масъала, аз қабили «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016–2020»[1] ва ғайра таҳия ва қабул гардидаанд[2].

Аҳамияти таҳқиқоти терроризми сиёсӣ барои илми ватанӣ боз аз он ҷиҳат меафзояд, ки терроризм ҳамчун зуҳуроти номатлуб ба амният ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таҳдид мекунад. Аз ин рӯ, тадқиқу таҳқиқи амиқи илмии ин мавзӯъ ва дар ҳамин замина омӯзиши масъалаҳои пешгирии терроризми сиёсӣ дар дохил ва хориҷи кишвар аҳамияти аввалиндараҷа ба худ касб менамояд.

Дар шароити кунунӣ таҳқиқи масъалаи мазкур хеле мубрам мебошад, чунки терроризми сиёсӣ усули ғайриқонуние мебошад, ки дар дохили мамлакат амалҳои хиёнаткоронаро боис гардида, устувории системаи сиёсии ҷомеа ва босуботии самти сиёсиро аз байн мебарад. Яке аз паёмадҳои зуҳуроти терроризми сиёсӣ ин

---

[1] Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020. [Манбаи электронӣ]. URL: http://prokuratura.tj/point43/66-to-ik/news/644-alasai-ayati-mushovara-dar-prokuraturai-general-37.html (санаи мурочиат: 18.03.2019).

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм».Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 16.11.1999 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, № 1266, мод. 1; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар дар бораи муқовимат ба экстремизм» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2003, №12, мод. 697; «Консепсияи миллии муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳиҷиноят бадастовард, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом барои солҳои 2018-2025». Аз 5.03.2018 тасдиқ шудааст, № 1033 [Манбаи электронӣ] URL: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=588 (санаи мурочиат: 19.02.2019); «Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгарой)». Аз 28.03.2006 тасдиқ шудааст, №1717; Тартиби гузаронидани чорабиниҳо оид ба манъ ва бекор кардани манъи воситаҳои молиявӣ ё дигар молу мулки шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо, ки ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил карда шудаанд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2019, №129 тасдиқ шудааст.

харобкориҳои бевоситаи система, бо роҳи вайронкорӣ ноором сохтани ҷомеа мебошад. Инчунин боиси нигаронист, ки дар баъзе ҳолатҳо ин падидаи номатлуб имкон дорад ва қодир аст, ки амалҳои ҳокимият ва идоракунии ҷомеаро суст кунад ва бо ҳамин роҳ обрӯй ва эътибори инсонҳоро паст намуда, фаъолияту зиндагии осоиштаи онҳоро зери хавфу хатар гузорад.

Маълум аст, ки аз оғози солҳои 90-уми асри XX то кунун дар шароити рушди ҷомеа масъалаи равандҳои ғайримуътадиле, ки терроризми сиёсӣ, бешубҳа, ба он тааллуқ дорад, ба таври нигаронкунанда ба миён омадааст. Дар баробари ин, диққати аз андоза зиёд ба терроризму экстремизм ва сарфаҳмравӣ ба назарияи он низ яке аз сабабҳои рушди ин падидаи номатлуб аст.

Терроризми сиёсӣ дар бисёр ҳолатҳо ба тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти инсон таъсири манфӣ мерасонад. Вазъият боз бо он душвор мегардад, ки ҷомеа, давлат, илм сари вақт ва ба таври қатъӣ ба афзоиши босуръати терроризми сиёсӣ муқобилият нишон дода натавонистаанд. Вале ҳодисаҳои даҳсолаи охир баръало имкони инкишофи дин ва фирқаҳои онро чун ҳамтани терроризми сиёсӣ нишон додаанд. Дар қатори дигар омилҳои бавуҷудоии терроризми сиёсӣ ва робитаи он ба исломгароёни радикалии Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон (минбаъд – ҲНИТ) (дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мамнуъ эълон шудааст) бояд қайд кард, ки бисёр масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ мавҷуданд, ки пурра ба кишварҳои Осиёи Марказӣ хос мебошанд.

Терроризм ба таври равшантар худро ҳамчун шакли хавфноки рафтори шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ зоҳир сохт, ки тартиботи ҷамъиятиро халалдор мекунад, вазъияти рақобати шиддатнокро барпо намуда, муносибатҳоро дар ҷомеа пуртазод мегардонад. Дар робита бо ин, ҳолати мазкур аз ҷомеаи тоҷик қабули чораҳои амалиро оид ба пешгирӣ ва муқовимат ба фаъолияти террористӣ исроркорона тақозо менамояд. Терроризм ба истифодаи зӯроварӣ асос ёфта, ба пурзӯр шудани ҳисси нобоварии шаҳрвандон барои амнияти худ мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, таҳлили мазмун ва моҳияти терроризми сиёсӣ, сарчашмаҳои пайдоиши он, алоқаи терроризми сиёсӣ бо шаклҳои дигари он ҳамчун омили халалдоркунандаи вазъият дар ҷумҳурӣ ва минтақа, муҳиммияти мавзуи интихобшударо барои таҳқиқот муайян мекунад. Инчунин, моҳияти омилҳои нави бавуҷудоии терроризми сиёсӣҳанӯз пурра таҳқиқ нашудаанд ва бинобар ин,

роҳҳои пешгирӣ ва воситаҳои аз байн бурдани он дар шароити тағйирёбии ҷомеа аҳамияти хосса пайдо кардааст.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Терроризми сиёсӣ дар сатҳи илмӣ ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба амният ва суботи сиёсии ҷомеа арзёби гардида, яке аз масъалаҳои муҳими илмҳои ҷомеашиносии муосир: сиёсатши-носӣ, геополитика, таҳлили сиёсӣ, давлатшиносӣ, таърих, фалсафа, сотсиология, диншиносӣ, система сиёсӣ, сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ ба шумор меравад. Зуҳуроти терроризми сиёсӣ бисёрҷанба буда, ҳанӯз аз даврони инқилобии Фаронса, ки дар он вақт террор аз нуқтаи назари ҷонибдорони режими ҳокимияти барканоршуда ҳамчун аслиҳаи ҳокимияти нав барои таҳдиду зӯроварӣ маънидод мешуд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар ба мавзуи мазкур таҳқиқоти зиёди олимони хориҷию ватанӣ бахшида шудааст. Алалхусус таҳқиқот дар ин самт баъди моҷароҳои сиёсӣ ва ихтилофоте, ки дар охири солҳои 90-уми асри гузашта, махсусан воқеаҳои маъмули 11-сентябри соли 2001 дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка ба вуқӯъ омада буданд афзудааст. Зимни таҳлилу баррасии мавзӯъ ва нуктаи назари олимони соҳаҳои гуногун, ки масъалаи терроризми сиёсиро мавриди омӯзиш қарор додаанд, тадқиқотҳои илмии мавриди назарро ба таври зайл гурӯҳбандӣ намудем:

Ба гурӯҳи аввал корҳои илмию таҳқиқотии донишмандоне дохил мешаванд, ки ба масъалаи терроризми сиёсӣҳамчун масъалаи муҳимми замони муосир диққати махсус зоҳир кардаанд. Дар осори Ю. И. Авдеев[1], А. Г. Здравомислов[2], В. В. Витюк[3], А. В. Дмитриев[4], А. А. Кара-Мурза[5], А. К. Батошова[6], Э. А. Паин[7], Е. И. Степанов[8],

---

[1] Авдеев Ю. И. Основные тенденции современного терроризма [Текст] / Ю. И. Авдеев // Сб. Современный терроризм: состояние и перспективы. Под редакцией Е. И. Степанова. – М.: Эдиториал УРСС, 2000. – С. 163.

[2] Здравомыслов А. Г. Фундаментальные проблемы социологии конфликта и динамика массового сознания [Текст] / А. Г. Здравомыслов // Социологические исследования. 1993. №8.

[3] Витюк В. В. Терроризм постперестроечной эпохи [Текст] / В. В. Витюк // Социологические исследования. – 1993. – №12. – С. 42-50. *Ҳамон муаллиф.* Социальная сущность и идейно-политическая концепция современного «левого» терроризма : Автореф. дис. на соис. учен.степ. док-ра. филос. наук [Текст] / В. В. Витюк. – М., 1985.

[4] Дмитриев А. В.Залысин И. Ю. Насилие: социо-политический анализ [Текст] / А. В. Дмитриев, И. Ю. Залысин. – М.: РОССПЭН, 2000.

[5] Кара-Мурза С. Г. Манипуляция сознанием [Текст] / С. Г. Кара-Мурза. – М.: Изд-во ЭКСМО-Пресс, 2002. – 114 с.

[6] Батошова А.К. Политический терроризм:дитерминация и формы проявления. [Текст] / А.К. Батошова - М., 2004.-194с .

[7] Паин Э. А. Социальная природа экстремизма и терроризма [Текст] / Э. А. Паин // Общественные науки и современность. – 2002. – №4. – С. 114 – 122.

[8] Степанов Е. И. Современный терроризм: состояние и перспективы [Текст] / Е. И. Степанов. – М. : Эдиториал УРСС, 2000. – 240 с.

А. И. Соловев[1] ва дигарон. Муҳаққиқони барҷаста терроризмро ҳамчун зуҳуроти хатарафзои иҷтимоӣ, сиёсӣ, миллӣ, таҳлил карда, дар осори худ диққати асосиро ба робитаи сабабу натиҷаи терроризми сиёсӣ бо рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, вобастагии он аз ҳолати праблемаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва коҳиш ёфтани сатҳи зиндагии мардум равона сохтаанд. Муҳаққиқони мазкур, бо истифода аз таҳлили системавӣ, ҳамчунон паҳлуҳои мухталифи терроризми сиёсӣ, ки дар зери омилҳои гуногун ба вуқӯъ меояд, мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Ба гурӯҳи дуюм корҳои илмиитаҳқиқотҳои А. А. Веселитский[2], А. С. Грачёв[3], А. В. Герасимов[4], Е. П. Кожушко[5], А. А. Козлов[6], Д. В. Олшанский[7] ва дигарон дохил мешаванд, ки ба таҳқиқу таҳлили омилҳои асосии вазъи мураккаби терроризми муосир бахшида шуда, аз ҷониби онҳо мақсадҳои амалҳои террористон, решаҳои ғоявии терроризмро мавриди баҳс ва таҳқиққарор додаанд. Дар ин таҳқиқотҳо бештар ҷанбаҳои мухталифи раванди гузариши экстремизм ба терроризми сиёсӣ баррасӣшудаанд.

Ба гурӯҳи сеюм асарҳои К. С. Гаҷиев[8], В. В. Никитаев[9], В. М. Розинро[10] дохил намудан мумкин аст, ки терроризми сиёсиро аз мавқеи иҷтимоиюфалсафӣ баррасӣкардаанд. Ин муҳаққиқон андешаҳояшонро дар бораи ҷанбаҳои фалсафию ахлоқии масъалаи мазкур баён намуда, вобастагии иҷтимоии ин зуҳуротро аз нуқтаи назари фалсафӣ ва фалсафаи сиёсӣ арзёби кардаанд.

Гурӯҳи чорумро асарҳои В. П. Емелянов[11], Г. И. Морозов[12], М.

---

[1] Соловьев А. И. Политология: политическая теория, политические технологии: Учебник для студентов вузов [Текст] /А. И. Соловьев. – М.: Аспект Пресс, 2003. – 559 с.

[2] Веселицкий А. А. Кому это выгодно? [Текст] / А. А. Веселицкий. – М., 1980. – 247 с.

[3] Грачев А. С. Политический экстремизм [Текст] / А. С. Грачев, – М.1986. – С. 43–146.

[4] Герасимов А.В. На лезвии с террористами [Текст] /А.В. Герасимов.–Париж:Ymsa-Press, 1985.С. 206.

[5] Кожушко Е. П. Современный терроризм:анализ основных направлений [Текст] / Е. П. Кожушко. – Минск: Харвест, 2000. – С. 10, 366-373.

[6] Козлов В. Национализм и этнический нигилизм [Текст] / В. Козлов. – М.: Свободная мысль. – 1996. – №6.

[7] Ольшанский Д. В. Психология терроризма [Текст] / Д. В. Ольшанский. – СПб.: Питер, – 2002 – 288с.

[8] Гаджиев К. С. Политология (основной курс): учеб [Текст] / К. С. Гаджиев. – М.: Высшее образование, 2008. – С. 109.

[9] Никитаев В. В. Происхождение терроризма из духа трагедии [манбаи электронӣ] URL: http://old.russ.ru/politics/20021030-nik.html (санаи мурочиат: 5.08.2019).

[10] Розин В. М. Терроризм как выразительный симптом кризиса нашей цивилизации? [Текст] / В. М. Розин // Философские науки. – 2002. – № 1. – С. 126-135.

[11] Емельянов В. П. Терроризм и преступления террористической направленности. [Текст] / В. П. Емельянов. – Харьков, 1997. – 240 с.

[12] Морозов Г. И. Международный терроризм [Текст] / Г. И. Морозов. – США. – 1997. – №11 – С. 62-66.

Н. Назаркин[1], Э. Ф. Побегайло[2], В. В. Устинов[3] ва О. М. Хлобустов[4]ташкил мекунанд, ки ба ҷанбаҳои фаъолияти террористӣ дар сатҳи ҷиноиву ҳуқуқӣ ва криминологӣ бахшида шудаанд. Муаллифони мазкур дар осори хеш як қатор чораҳои амалиро пешниҳод кардаанд, ки бо тадбирҳои пешгирии амалҳои тундгароӣ ва экстремистию террористӣ аз ҷониби субъектҳои мухталиф иртибот мегиранд.

Гурӯҳи панҷумро бошад, асарҳои як қатор муҳаққиқони хориҷӣ — У. Бек[5], У. Гори[6], Э. Гидденс[7], Б. Гросскап[8], М. Креншоу[9], У. Лакер[10], Т. М. Ласатер[11]ва А. Шмидт[12] ташкил медиҳанд, ки ба таҳлили амиқи сабабҳои пайдоиш ва паҳншавии терроризми сиёсӣ бахшида шудаанд. Таҳлили осори илмии муҳаққиқони мазкур нишон медиҳад, ки дарк намудани консепсияи нақши давлат дар пайдоиш ва татбиқи терроризми сиёсӣ, таъсири равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, моҳият, мазмун ва самтҳои фаъолияти террористӣ дар маркази таваҷҷуҳи онҳо қарор доштааст. Мушоҳидаҳои муҳаққиқони мазкур бештар зуҳуроти терроризми сиёсиро дар мамлакатҳои Аврупои ғарбӣ ва шарқӣ дар марҳалаи рушди ҷомеаи саноатӣ дар бар гирифтааст. Ба ин гурӯҳ, инчунин, таҳқиқотҳои дар ибтидои асри XXI анҷомдодаи як қатор олимони америкоӣ, ба

---

[1] Назаркин М. В. Криминологическая характеристика и предупреждение терроризма [Текст] / М. В. Назаркин. – М.1998. – 197 с.

[2] Побегайло Э. Ф. Терроризм и уголовная ответственность. Актуальные проблемы Европы. Проблемы терроризма: Проблемно-тематический сборник [Текст] / Э. Ф. Побегайло. – М.1997. – №4.

[3] Устинов В. В. Государственная антитеррористическая стратегия: общая концепция и правовые аспекты [Текст] / В. В. Устинов // Государство и право. – М.2003 – №3.

[4] Хлобустов О. Об историческом опыте борьбы с терроризмом [Текст] / О. Хлобустов // Юридическая газета. – №5. – Январь. – С. 4.

[5] Бек У. Что такое глобализация? [Текст] / У. Бек. – М.: Прогресс-Традиция, 2001.

[6] Гори У. Новая форма насилия: международный терроризм. Выступление на международном коллоквиуме «Война и мир в XXI веке», организованном французским Фондом оборонных исследований в декабре 1995 г [Текст] / У. Гори // «Дефанс насьональ». – 1996. – Апрель. – С. 135-143.

[7] Гидденс Э. Современность и самоидентичность. Макросоциологические теории общества и социального изменения [Текст] / Э. Гидденс. // Социальные и гуманитарные науки, отечественная и зарубежная литература. Серия 11, Социология. – № 2, 1994.

[8] Grosscup B. The Explosion of Terrorism. [Text] / B.Grosscup.– Far Hills, NJ:– New Horizons,1987. P. 78.

[9] Crenshaw M. Terrorism, Legitimacy, and Power. [Text] / M. Crenshaw. – Middletown, CT: Wesleyan University Press, – 1983. – P. 107.

[10] Laqueur W. The Age of Terrorism. Boston: [Text] / W. Laqueur- little, Brown. – 1987. – P. 6 308.

[11] Lasater T. M. Religions organizations and largescale health related lifestu le change programs // J. of Health Education. – 1991. – № 22. – P. 233-239.

[12] Schmid A. P. Political Terrorism: A Research Guide to Concepts, Theories, Data Bases and Literature. [Text] / A. P. Schmid. – NewBrunswick, CT: Transaction, 1983.

монанди Б. Хоффман[1], М. Кенни[2], В. Роберт[3], Р. Виннет[4] ва дигаронро, ки ба масъалаи зуҳуроти терроризми сиёсӣ, махсусан, баъди ҳодисаи маъмули 11 сентябри соли 2001 дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка бахшида шудааст, дохил кардан мумкин аст.

Гурӯҳи шашумро рисолаҳои илмии олимони тоҷик З. Шарифзода[5], Н. Д. Назиров[6], К. С. Шарипова[7], ки масъалаҳои гуногуни терроризм, тафаккури ифротӣ, гурӯҳҳои ифротгароиву динӣ ва ташкилотҳои террористиро чун хатари бузурги минтақавӣ ва ҷаҳонӣ баррасӣ намудаанд, фаро мегирад.

Дар баробари ин, осори як қатор олимони ватанӣ, аз қабили Р. Ш. Нуриддинов[8], А. Н. Муҳаммад[9], С. А. Раҷабов[10], Д. Назиров[11],

---

[1] Hoffman B. Rethinking Terrorism and Counterterrorism. [Text] / B. Hoffman // Studies in Conflict and Terrorism. 2002. May.

[2] Kenney M. From Pablo to Osama: Counter-Terrorism Lessons from the War on Drugs. [Text] / M. Kenney-Survival, 2003. Vol. 45.№3.Autumn.

[3] Worth Robert.The Deep Intellectual Roots of Islamic Terror. [Text] / Robert. Worth – The New York Times. 2001.Oct. 13;

[4]Winnet R., Leffard D. Leaked No 10 Dossier Reveals Al-Qaeda's British Recruits. [Text] / R. Winnet.TheSundayTimes. 2005. July10

[5] Шарифзода З. Международное сотрудничество Республики Таджикистан в борьбе с терроризмом: автореф. дисс. на соис. учен. степ. канд. полит. наук. – Душанбе, 2014.

[6] Назиров Н. Д. Проблемы политического ислама и кофликты в государствах Центральной Азии: дисс. на соис. учен. степ. канд. полит. наук. [Текст] / Н. Д. Назиров. – Душанбе, 2017. – 156 с.

[7] Шарипова К. С. Национальная безопасность Республики Таджикистан в контексте региональных и международных вызовов: автореф. дисс. на соис. учен. степ. канд. полит. наук [Текст] / К. С. Шарипова. – Душанбе, 2017.

[8] Нуриддинов Р. Ш. Формирование левых демократических движений в Афганистане [Текст] / Р. Ш. Нуриддинов. – Душанбе: Ватанпарвар, 2003. – 204 с; *Ҳамон муаллиф.* Вероятные сценарии развития событий в Афганистане после ухода западной коалиции в 2014 году [Текст] / Р. Ш. Нуриддинов // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: Сино, 2013. – №3/5 (118). – С. 125-132; *Ҳамон муаллиф.* Информационная безопасность в контексте международных отношений [Текст] / Р. Ш. Нуриддинов // Известия Института философии им. А. Баховаддинова АН РТ. – 2017. – №1. – С. 53-56; Нуриддинов Р. Ш., Нуриддинов П. Р. Геополитика. Учебное пособие [Текст] / Р. Ш. Нуриддинов, П. Р. Нуриддинов. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 352 с; Нуриддинов Р. Ш., Нуриддинов П. Р. Сиёсатиҷаҳонӣ. Китоби дарсӣ [Матн] / Р. Ш. Нуриддинов, П. Р. Нуриддинов. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 352 с.

[9]Муҳаммад А. Н., Раҳмон Ю. А. Религиозно-политический экстремизм как фактор региональной безопасности [Текст] / А. Н. Муҳаммад, Ю. А. Раҳмон // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови АИ ҶТ. – 2017. – №4. – С. 115-120; Маҳмадов А. Н., Хопёрская Л. Л. Государственная независимость Республики Таджикистан: теория, история и политическая практика [Текст] / А. Н. Маҳмадов, Л.Л. Хопёрская.– Душанбе: Империал-Групп, 2016.

[10] Раҷабов С. А., Маҳмадов П. А. Сайтҳо, методҳо ва хусусиятҳои истифодаи кибертерроризм алайҳи суботи ҷомеаи тоҷик ва чорабиниҳои муқовимати [Матн] / С. А. Раҷабов, П. А. Маҳмадов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови АИ ҶТ. – 2017. – №4-1. – С. 104-109.

[11] Назиров Д. Противостояние: сборник очерков и рассказов [Текст] / Д. Назиров. –Душанбе: Эр-Граф, 2014. *Ҳамон муаллиф.* Проблемы терроризма и религиозного экстремизма в условиях глобализации. – Ч. 1, 2. Душанбе: Ирфон, 2009; *Ҳамон муаллиф.* Угрозы и вызовы терроризма,

Г. Н. Зокиров[1], Х. Холиқназар[2], А. Абдуҷалилов[3], А. Х. Самиев[4], А. Ҳ. Имомов[5], А. Раҳнамо[6], Ф. Ҷалол[7], Ш. Каримов[8] ва ғайраҳо дар омӯзиши мавзуи мазкур аҳамияти зиёди илмию назариявӣ доранд. Масалан, дар асарҳои Р. Ш. Нуриддинов фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳо дар Афғонистон, таъсири эҳтимолии онҳо ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, ташаккули вазъияти геосиёсӣ дар минтақа ва пайомадҳои он таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Дар таҳқиқоти А. Н. Маҳмадов масъалаҳои паҳншавии ғояҳои ифротгароии динию сиёсӣ дар байни муҳоҷирон, дар заминаи онҳо ташаккул ёфтани терроризм, гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва умуман таҳдиди ифротгароии динию сиёсӣ ба амнияти миллии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Дар осори Г. Н. Зокиров бошад, масъалаҳои зуҳури ифротгароии динию сиёсӣдар алоқамандӣ бо падидаи терроризм баррасӣ шудаанд. Ҳамин тавр, дар корҳои илмию таҳқиқотии олимони тоҷик масъалаи терроризми сиёсӣбо назардошти равандҳои иҷтимоию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тағйироти сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣнишон дода шудааст.

Гурӯҳи ҳафтумро корҳои диссертатсионии олимони ватанӣ аз ҷумла Н. Д. Маҳмадиев[9], А. И. Муминов[10],

---

религиозного терроризма странам Центральной Азии, Российской Федерации и КНР. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010.

[1] Зокиров Г. Н. Терроризм [Матн] / Г. Н. Зокиров. – Душанбе, 2014; Ҳамон муаллиф. Зӯроварии сиёсӣ [Матн] / Г. Н. Зокиров. – Душанбе: «Эр-граф», 2018. – 132 с.

[2] Холикназар Х. Деятельность Республики Таджикистан в процессе становления и развития ШОС [Текст] / Х. Холикназар. – Душанбе: Ирфон, 2014.

[3] Абдуджалилов А. Теоретические проблемы гражданских правоотношений в Интернете. [Текст] / А. Абдуджалилов. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015.

[4] Самиев А. Х. Роль Таджикистана в борьбе с международным терроризмом / Перспективы реальной безопасности в рамках борьбы с международным терроризмом [Текст] / А. Х. Самиев // Материалы международной научно-практической конференции (г. Душанбе, 20-21 мая 2002 год). – Душанбе, 2003. – С. 28-35.

[5] Имомов А. Х. Терроризм – форма организованной преступности [Текст] / А. Х. Имомов. – Душанбе, 2003. – С. 25.

[6] Рахнамо А. Афганистан и Центральная Азия: особенности и перспективы взаимовлияния [Текст] / А. Рахнамо. – Душанбе, 2015.

[7] Ҷалол Ф. Нақши Иттиҳоди Аврупо дар муборизa бар зидди терроризми байналмилалӣ. – Фонд им. Фридриха Эберта, Душанбе, 2014; *Ҳамон муаллиф.* Национальные интересы и политика безопасности государств Центральной Евразии в условиях геополитических перемен [Текст] / Ф. Джалол. – Душанбе: РТСУ, 2016.

[8] Каримов Ш. Формирование гражданского общества в Таджикистане[Текст] Ш. Каримов – Душанбе: Ирфон, 2019. – 324 с.

[9] Махмадиев Н. Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане: дисс. на соис. учен. степ. канд. филос. наук [Текст] /Н. Д. Махмадиев. – Душанбе, 2013. – 168 с.

[10] Муминов А. И. Религиозный экстремизм в контексте социальных изменений: дисс. на соис. учен. степ. д-ра филос. наук. [Текст] / А. И. Муминов. – Душанбе, 2017. – 294 с.

Н. Д. Назиров[1] ва Н. С. Раҷабов[2] ташкил медиҳанд, ки дар онҳо терроризм ва ифротгароии динию сиёсӣ бо назардошти воқеият ва тағйироти иҷтимоию сиёсии замони муосир баррасӣ гардидаанд.

Таҳқиқоти Н. Д. Маҳмадиев ва А. И. Муминов, масалан, дар доираи илмҳои фалсафӣ анҷом дода шудаанд ва бештар ҷанбаҳои фалсафии масъаларо фаро гирифтаанд. Таҳқиқоти олимони мазкур барои омӯзиши моҳият ва хусусиятҳои терроризму ифротгароии динӣ аҳамияти зиёди илмию назариявӣ доранд. Муҳаққиқон Н. Д. Назиров ва Н. С. Раҷабов бошанд, дар рисолаҳои илмии худ хусусияти тундгароӣ гирифтани дини ислом ва руҳияи исломбадбинии ғарбиро таҳқиқ намудаанд.

Бо вуҷуди он, мутаассифона, бояд қайд намуд, ки то ҳанӯз дар илмҳои сиёсии ватанӣ масъалаи терроризми сиёсӣва хусусиятҳои он дар шароити тағйирёбии ҷомеа ва махсусан бо назардошти махсусият ва таҷрибаи Тоҷикистон дар доираи таҳқиқоти алоҳида мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст. Диссертатсияи мазкур аввалин иқдоме мебошад, ки дар заминаи методологияи таҳқиқоти сиёсӣ ва бо назардошти таъмини устувории низоми сиёсии давлат анҷом дода шудааст. Дар диссертатсия терроризми сиёсӣҳамчун таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллии давлат ва ба суботи сиёсии ҷомеа муаррифӣ гардидааст.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқотидиссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар мавзуи «Равандҳои иҷтимоию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» иҷро гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Объекти таҳқиқот – терроризми сиёсӣ ва шаклҳои он дар шароити тағйирёбии ҷомеа.

Мавзуи таҳқиқот –ошкор намудани терроризми сиёсӣҳамчун раванди номатлуби зуҳуроти сиёсию иҷтимоӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот таҳлилу баррасии мазмуну моҳияти терроризми сиёсӣ ва хусусиятҳои он дар шароити

---

[1] Назиров Н. Д. Проблемы политического ислама и конфликты в государствах Центральной Азии: дисс. на соис. учен. степ. канд. полит. наук: 23.00.04 [Текст] / Н. Д. Назиров. – Душанбе, 2017. – 156 с.

[2] Раджабов Н. С. Исламофобия в Западной Европе и ее влияние на политические процессы в Центральной Азии: дисс. на соис. учен. степ. канд. полит. наук: 23.00.04 [Текст] / Н. С. Раджабов. – Душанбе, 2016. – 146 с.

дигаргуншавии ҷомеаи муосир, ошкор намудани шаклҳои асосӣ ва суръати рушди ин зуҳурот, асоснок намудани самтҳои афзалиятноки муқовимат бо ифротгароӣ ва амалҳои террористӣ бо мақсади таъмини бехатарии шахс, ҷомеа ва давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Ҳалли масъалаи мазкур иҷрои **вазифаҳои зеринро** тақозо менамояд:

— таҳлили мафҳум, моҳият, хусусият ва пайдоиши терроризми сиёсӣ;

— муайян намудани сабабҳои ба вуҷуд омадан ва паҳншавии терроризми сиёсӣ дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеаи муосир, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

— муайян намудани экстремизм ҳамчун зуҳуроти терроризми сиёсӣ;

— нишон додани экстремизми динӣчун заминаи пайдоиши терроризми сиёсӣдар минтақаи Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон;

— баррасӣ ва тавсифи хавфи ифротгароӣ ва амалҳои террористӣ ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян намудани роҳҳои пешгирии онҳо.

Фарзияи таҳқиқот. Зуҳуроти номатлуби терроризми сиёсӣ аз тариқи фаъолияти ташкилотҳои террористию экстремистии замони муосир ва рафтори ғайриқонунии пайравони онҳо зоҳир гардида, ба амнияти минтақа ва ҷаҳон хатари ҷиддӣ ворид месозад. Ин зуҳуроти номатлуб ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар таҳкими раванди давлатдории миллӣ, рушди устувор, суботи сиёсӣ ва амнияти миллии кишвар таъсири манфӣ мерасонад.

Асосҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Дар ҷараёни омӯзиши мавзӯъ асарҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ истифода бурда шудаанд. Инчунин, назарияҳои сиёсии олимони шӯравӣ зимни муайян намудани моҳияти терроризми сиёсӣ ва сабабу омилҳои пайдоиши он мусоидат намудаанд. Аз ин рӯ, дар раванди таҳқиқот назарияҳои сиёсии муҳаққиқони ватанӣ ва олимони рус низ ба таври васеъ истифода бурда шудаанд. Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот аз он иборат аст, ки мақолаву дастурҳои илмии таҳияшуда барои тарбияи сиёсӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ ва ташаккули ҷаҳони маънавии ҷавонон, хосатан донишҷӯёни коллеҷҳову донишгоҳҳо ва мутахассисони соҳавӣ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди гуфтушунид ва пешгирӣ намудани амалҳои номатлуби экстремистию террористӣ вобаста ба вазъи тағйирёбии ҷомеа аз ин зуҳуроти иҷтимоӣ сиёсӣ истифода намуд.

Дар баробари ин хулосаҳо, ва тавсияи амалии таҳқиқотро метавон дар раванди омода намудани консепсияҳо ва стратегияҳои дурнамои мақсаднок ва барномаҳои минбаъдаи муқовимат бо терроризми сиёсӣ, ва амалҳои пешгирии ин зуҳурот мавриди истифода қарор дод. Бо назардошти ин ҳама натиҷаҳои мазкурро инчунин, метавон ҳангоми омӯзиши предметҳои таълимии «Ҳукумати Тоҷикистон», «Идоракунии давлатӣ ва сиёсати инноватсионӣ» «Кратология», «Давлатшиносӣ» «Моҷаршиносӣ», «Геополитика» ва ғайра дар муассисаҳои оливу касбӣ истифода намуд. Маводи диссертатсия ҷиҳати дар оянда амиқ омӯхтани зуҳуроти номатлуби терроризми сиёсӣаз ҷониби муҳаққиқону сиёсатшиносон ва ҷомеашиносон метавонад муфид бошад. Аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин боз дар имкони истифодаи тавсияҳо оид ба пешгирии омилҳои бавуҷудоии терроризми сиёсӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар минтақаҳои Осиёи Марказӣаз тарафи сохторҳои дахлдори давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба мақсад мувофиқ аст. Ҳамзамон, таҳқиқот дар ин соҳа имкон медиҳад, ки мутахассисони соҳаҳои гуногун ва мақомоти дахлдор натиҷаҳои кори диссертатсиониро дар таҷрибаи амалии худ мавриди истифода қарор диҳанд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Зимни баррасии терроризми сиёсӣ ва хусусиятҳои он дар шароити тағйирёбии ҷомеа дар ҷараёни таҳқиқот аз методҳои гуногун ба монанди: таҳлили системавӣ, муқоисавӣ, рафторӣ, институтсионалӣ ва навъбандӣ истифода шудаанд.

Усули таҳлили системавӣ имкон дод, ки терроризми сиёсӣҳамчун таҳдид ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шавад, зеро, дар низоми амнияти миллӣ таҳдидҳо унсури системавӣ ба шумор мераванд.

Усули таҳлили муқоисавӣ барои омӯхтани зуҳуроти терроризми сиёсӣ дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва солҳои минбаъда истифода гардидааст.

Дар раванди таҳқиқот усули рафторӣ барои омӯхтани таъсири ғояҳои терроризми сиёсӣ ба афкори ҷамъиятӣ, тағйирёбии рафтори ҷавонон, роҳу воситаҳои таблиғи ғояҳои ифротгароӣ ва тунгароӣ ба кор бурда шудааст.

Усули таҳлили институтсионалӣ имкон дод, ки хусусияти ғайриқонунӣ доштани фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ нишон дода шавад. Истифодаи усули навъбандӣ бошад, ҳамчун усули илмию таҳқиқотӣ, барои муайян намудани нишонаҳои асосии терроризми сиёсӣ мусоидат намуд.

Дар умум, методҳои илмии истифодашуда имкон доданд, ки сабабҳои пайдоиши терроризми сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, омилҳои гуногуни таъсиррасон ба ин раванд нишон дода шаванд. Ҳамчунин, муайян кардани мушкилоти мубориза бо терроризми сиёсӣ ва пайдо кардани усулҳои мувофиқҷиҳати муқовимат ба ин зуҳуроти номатлуб, бо истифода аз асосҳои методологии усулҳои зикршуда амалӣ карда шудааст. Ин ба мо имкон дод, ки аз рӯйи зарурат он усулҳоеро истифода барем, ки барои таҳлили масъалаҳои баррасишаванда мувофиқат мекунанд.

Пойгоҳи сарчашмавии диссертатсия. Як қатор сарчашмаҳои аслӣдар раванди таҳқиқотистифода шудаанд ва онҳоро шомили ду гурӯҳ донистем:

Ба гурӯҳи якуми сарчашмаҳосанадҳои меъёрию ҳуқуқие дохил мешаванд, ки дар онҳо масъалаи омӯзиш ва таҳлили паҳлуҳои зуҳуроти терроризми сиёсӣ вобаста ба шароити тағйирёбии ҷомеа мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтааст. Ба ин гурӯҳ як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ба монанди қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» ва «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», «Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ)», санадҳои дигари меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, дохил мешаванд, ки аҳамияти илмию назариявӣ доранд. Инчунин, ба ин гурӯҳ метавон дастурҳои барномавӣ, ғояҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарору ҳуҷҷатҳои расмии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дохил кард.[1]

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм».Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 16.11.1999 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, № 1266, мод. 1; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар дар бораи муқовимат ба экстремизм» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2003, №12, мод. 697; «Консепсияи миллии муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳичиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом барои солҳои 2018-2025». Аз 5.03.2018 тасдиқ шудааст, № 1033 [манбаи электронӣ] URL: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=588 (санаи мурочиат: 19.02.2019); «Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ)». Аз 28.03.2006 тасдиқ шудааст, №1717; Тартиби гузаронидани чорабиниҳо оид ба манъ ва бекор кардани манъи воситаҳои молиявӣ ё дигар молу мулки шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо, ки ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил карда шудаанд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2019, №129 тасдиқ шудааст. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.08.2018, №433 «Дар бораи тасдиқ намудани Номгӯйи мақомоти ҳокимияти иҷроия ва дигар сохторҳои давлатӣ, ки дар доираи ваколатҳояшон дар мубориза бар зидди терроризм иштирок менамояд. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2015, №646 «Дар бораи Тартиби гузаронидани

Гурӯҳи дуюмро осор, паёмҳо, суханронихои ҳарсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташкил медиҳанд. Дар онҳомасъалаи хавфу хатари ифротгароии динию сиёсӣ, мубориза бо терроризму экстремизм, дар мулоқот бо аҳли зиё ва ҷавонон, сабабҳои зуҳури он дар ҷомеаи Тоҷикистон ва пешгирӣ намудани шомилшавии ҷавонон ба хотири нигоҳ доштани суботи сиёсии ҷомеа, таҳкими давлатдории миллӣ ва монанди инҳо баррасӣ гардидаанд.[1]

Ҳамзамон қобили зикр аст, ки дар замони пурошӯби муосир дар васоити ахбори омма ва дигар шабакаҳои иҷтимоӣ ба андешаҳои таҳлилии марбут ба ҳодисаҳои экстремизму терроризму терроризми сиёсӣ таваҷҷуҳи бештар дода мешавад. Сониян, дар инъикоси ҳамаҷонибаи ин мавзуъ нақши муҳимро шабакаҳои иҷтимоии Интернет иҷро менамоянд, муаллифони баъзе сомонаҳои интернетӣ мубоҳисаҳо ва экспресс -пурсишҳо низ ташкил мекунанд.

Дар маҷмуъ, таҳлили адабиёти илмии мавзуи баррасишавандаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҳарчанд мавзуи мазкур дар адабиёти мавҷуда ба таври васеъ арзёбӣшуда бошад ҳам, вале то ҳол паҳлуҳои норавшани назарҳои гуногун мавҷуданд, ки таҳқиқоти махсусро тақозо дорад. Бисёре аз таҳқиқотчиён танҳо ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаи детерминизми терроризми сиёсиро ҳамчун объект роҳандозӣ намудаанд. Мавриди зикр аст, ки айни замон омилҳо ва робитаи мутақобилаи сабабҳои бавуҷудоварандаи терроризми сиёсӣ ба эътибор гирифта нашудаанд ва таҳқиқоти махсусро талаб мекунанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки:

чорабиниҳо оид ба манъ ва бекор кардани маъъи молиявӣ ё дигар молу мулки шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо, ки ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил карда шудаанд.

[1] Раҳмон Э. О современном мире и основных аспектах внешней политики Республики Таджикистан [Текст] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Контраст, 2019. – 222 с; Раҳмон Э. Уфуқҳои Истиқлол [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018; Рахмон Э. Независимость Таджикистана и возраждение нации [Текст] / Э. Раҳмон. Т. 1. – Душанбе: «Ирфон», 2006. – 480 с; Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Э. Раҳмон. Ҷ. 7. – Душанбе: «Ирфон», 2007. 480 с; Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Э. Раҳмон. Ҷ. 8. – Душанбе: «Ирфон», 2009. 576 с; Рахмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Э. Раҳмон. Ҷ. 11. – Душанбе: «Ирфон», 2011. 576 с; Рахмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. Ҷ. 12. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – 560 с; Рахмон Э. Таджики в зеркале истории. От Арийцев до Саманидов [Текст] / Э. Рахмон. – Душанбе: «Ирфон», 2012. – 676 с; Раҳмон Э. Муҳити зиндагӣ ва олами андешаҳои Имоми Аъзам: асари илмӣ [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 368 с; Раҳмон Э. Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: «Бухоро», 2012. – 132 с; Раҳмон Э. О времени и о себе [Текст] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015. – 232 с.

— мафҳум, моҳият, хусусият ва пайдоиши терроризми сиёсӣмавриди баррасӣқарор дода шудаанд.

— омилҳои ба бавуҷудоӣ ва паҳншавии терроризми сиёсӣ дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистон мусоидаткунанда бо назардошти вазъи умумӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҷаҳон муайян карда шудаанд;

— экстремизм ҳамчун зуҳуроти терроризми сиёсӣ таҳқиқ шуда арзёбӣ шудааст;

— хусусияти экстремизми динӣҳамчун заминаи пайдоиши терроризми сиёсӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст;

— таҳдиди экстремизм ва амалҳои террористӣ ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои пешгирии онҳо баррасӣ шудаанд;

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия:

1. Дар марҳалаи нави рушди ҷомеаи ҷаҳонӣмасъалаи муайянсозии моҳият ва хусусиятҳои терроризми сиёсӣ аҳамияти хосса касб намудааст. Ҳалли масъалаи мазкур, дар навбати аввал, омӯзиши олами тағйирёбанда ва барасии он масъалаҳоеро, ки ба рушди ҷомеаи муосир таъсир мерасонанд, тақозо менамояд. Асоснок кардани назарияи мазкур имкон медиҳад, ки хусусиятҳои терроризми сиёсиро омӯхта, моҳият ва мундариҷаи онро муайян намоем.

2. Дар раванди бавуҷудоии терроризми сиёсӣ сабабҳои иҷтимоию равонӣ, маънавию ғоявӣ, сиёсӣ, иқтисодӣва ғайраҳо нақши муассир доранд. Яке аз сабабҳои асосии бавуҷудоии терроризми сиёсӣ мухолифат байни ҳокимият ва неруҳои дигари сиёсии давлат аст, ки бештар дар саҳнаи сиёсат зоҳир мешавад. Сабабҳои дигари терроризми сиёсӣ ин, нопухтагии сиёсӣ, қафомонии иқтисодӣ, камбизоатӣ, мақсади бо роҳи зӯроварӣ ба сари қудрат омадан ва ғайра мебошанд.

3. Экстремизм ҳамчун зуҳуроти номатлуби ҷомеа ба ташаккул ва инкишофи терроризми сиёсӣ мусоидат ва ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи муосир таҳдид менамоянд. Аз ин лиҳоз дарки моҳияти зуҳури онҳо дар соҳаҳои иҷтимоӣ, маънавӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа лозим аст. Экстремизм ва усулҳои он, зуҳуроти номатлуб ва фанатизме мебошанд, ки алайҳи онҳо бояд муборизаи беамон бурда шавад.

4. Экстремизми диниро бояд чун шакли махсуси терроризми сиёсӣ баррасӣ кард, зеро экстремизми динӣ ҷанбаҳои тахрибкории

идроки инсониро фаро мегирад, ва қабл аз ҳама зуҳуроти иҷтимоист. Он бо радикализми қатъӣ фарқ мекунад ва ба заиф гардонидан тавассути эътирозҳои ошӯбгарона ё харобкориҳои бевосита бо анъанаҳои рушдёфта ё мубориза бо модернизми динӣ равона карда шудааст. Экстремизми динӣ моҳиятан як шакли эътироз маҳсуб ёфта чун шакли терроризми сиёсӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ва идеологии ҳаёти ҷомеа амал мекунад.

5. Раванди сиёсии ҷаҳони муосир тақозо менамояд, ки мубориза бо терроризми сиёсӣ дар самти амалҳои фаъоли ҷомеа ва давлат дар ошкор кардан, огоҳонидан, аз ҷониби дигар, пешгирӣ ва барҳам задани экстремизми динӣ чун шакли иртиҷоии терроризми сиёсӣ дар сатҳҳои гуногун ва дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ифода ёбад. Дар ин самт барои муқобилият ба терроризми сиёсӣ бояд дар сатҳи байналмилалӣ, минтақавӣ, давлатӣ, миллӣ, гурӯҳӣ ва шахсӣ чораҳои муассир андешида ва ҳамкориҳои судман тақвият бахшида шаванд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба шиносномаи ихтисоси 6D050200 - Сиёсатшиносӣ, мувофиқат мекунад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо. Истифодаи сарчашмаҳои расмӣ ва хулосаҳои муаллиф роҷеъ ба масъалаи терроризми сиёсӣ дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва назарияҳои сиёсӣ таҳия гардида, дараҷаи эътимоди илмии он ба кофи будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин хулоса ва тавсияҳо дар заминаи таҳлилҳои илмӣ–назариявӣ, мутобиқ бо натиҷагириҳои таҳқиқот, манзур карда шудаанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муҳаққиқ бо дар сатҳи навгонии диссертатсионӣ, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, мақолаҳои илмӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос ёфтааст. Ҳамзамон, тартиб додани нақша ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, саҳми шахсии муаллифро инъикос менамоянд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот. Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ омода шуда, дар ҷаласаи васеи он муҳокима ва барои ҳимоя тавсия дода шудааст (суратмаҷлиси № 8 аз 30 марти соли 2020).

Дар баробари ин, 26-уми январи соли 2022 дар ҷаласаи васеи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратҷаласаи №6) маърӯзаи Файзов Р.Х. дар мавзуи диссертатсионии «Терроризми сиёсӣ ва хусусиятҳои он дар шароити тағйирёбии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)», муҳокима ва баррасӣ гардида, ҳамчун кори илмии анҷомёфтаи асил арзёбӣ ва барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – сиёсатшиносӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя пешбарӣ карда шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуидиссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 10 мақолаи илмии муаллиф, инъикос ёфтаанд ва дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Инчунин муаллиф дар конференсияҳои илмию назариявӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқоти худ маърӯзаҳо кардааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот асос ёфта, аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 194 - саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддима зарурияти мавзуи таҳқиқот, тавсифи асосии дастгоҳ (аппарат)-и илмӣ, аҳамияту моҳияти назариявию амалӣ, мақсаду ҳадафи пажуҳиш, навгонии илмии таҳқиқот, муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда, заминаҳои методологии объект ва матлаби таҳқиқот, сохтор ва муҳтавои рисола муқаррар гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия –«**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқ ва таҳлили масъалаи терроризми сиёсӣ**» ба таҳқиқӣ асосҳои илмию назариявӣ ва хусусиятҳои консептуалии масъалаи терроризми сиёсӣ бахшида шуда, дар заминаи таҳлилӣ назарияҳои илмии замони муосир мафҳум ва моҳияти терроризми сиёсӣ нишон додашуда, нишонаҳо ва хусусиятҳои муҳимми ин зуҳуроти номатлуб муайян гардидааст.

Зербоби аввали боби якум -«**Терроризми сиёсӣ: моҳият, мафҳум ва хусусиятҳои он**» бевосита ба омӯзиши хусусиятҳои умумӣ ва мазмуну муҳтавои асосии терроризми сиёсӣ бахшида шуда, дар доираи ин зербоб таҳқиқоти дар ин соҳа анҷомёфта ва ба масъалаи мазкур бахшидашуда баррасӣ гардидаанд.

Асосан имрӯз зери мафҳуми терроризм низоми истифодаи ғайриқонунии зӯроварӣ барои ба даст овардани ҳадафҳои сиёсӣ тавассути амалиёти даҳшатафканӣ, тарсу ваҳм ба мақомоти давлатӣ, байналмилалӣ, ҷамъиятӣ, шаҳрвандон ё гурӯҳҳои алоҳида ба содир кардани амалҳо ба фоидаи террористон фаҳмида мешавад. Мафҳумҳои «террор» ва «терроризм» ба таркиби луғавии сиёсӣ тақрибан 200 сол қабл ворид гаштаанд, вале чунин зуҳурот дар даврaҳои қадим низ арзи вуҷуд доштааст. Зӯроварӣ дар тӯли таърих ҳамеша инсониятро ҳамроҳӣ мекард, аз ҷумла дар шаклҳое, ки имрӯз чун терроризм тавсиф карда мешаванд. Ҳоло таърифҳои зиёди мафҳуми терроризм вуҷуд доранд, вале на ҳамаи онҳоро ҳамагон эътироф мекунанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба масоили терроризм ва экстремизм, ки ҷаҳонро ба ташвиш андохтаанд чунин ибрози андеша намудаанд: «... дар арсаи байналмилалӣ то ҳол таърифи ягонаи мафҳумҳои «терроризм» ва «террорист» вуҷуд надорад, ки ин ҳолат ба истифодаи меъёрҳои дугона ва духӯрагиву гуногунфаҳмиҳо мусоидат карда истодааст. Мо бояд ҳамеша дар назар дошта бошем, ки терроризм ва террористро ба худӣ ва бегона ашаддӣ ва исломгаро ё хубу бад ҷудо кардан мумкин нест. Баръакс, тавре, ки ман борҳо таъкид намуда будам, террорист ватан, дин, мазҳаб ва миллат надорад. Зуҳуроти терроризм ба суботу амнияти кураи замин хавфу хатари бениҳоят зиёд дорад»[1]. Аз ин рӯ, дар таърихи сиёсии бисёр кишварҳои ҷаҳон ин зуҳуроти номатлуб ҳамчун мушкилоти ҳалношуда боқӣ мемонад.

Омӯзиши таърихи терроризм нишон медиҳад, ки ин падида дар аввал хусусияти инфиродӣ дошт, дар марҳалаи кунунӣ, он хусусияти гурӯҳӣ пайдо кардааст. Шакли аввалаш бо маҳдуд будани теъдоди иҷрокунандагони амалҳои террористӣ, шакли дуюмаш бо террори оммавӣ тавсиф мешуд. Чунонки ҳодисаҳои охири асри XX ва аввали асри XXI нишон медиҳанд, дар ҷаҳони муосир зуроварии оммавӣ нисбати аҳолии осоишта бартарӣ дорад. Хусусияти хосси зоҳиршавии терроризми инфиродӣ аз он иборат буд, ки ба нобуд сохтани ҳарифи сиёсӣ равона шуда буд. Мақсади дар аҳолӣ ба вуҷуд овардани тарсу ҳарос, расонидани таъсири равонӣ ба мафкураи шаҳрвандони осоиштаро надошт. Террори инфиродӣ чун воситаи

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017. [Манбаи электронӣ]. URL: http://prezident.tj/node/16771 (санаи мурочиат: 23.05.2019).

муборизаи сиёсӣ воситаи канории дидаву дониста нест кардани ҳариф ё душмани нисбатан нерӯманд ва пурзӯр буд. Дар таърихи инсоният ҳолатҳое маълуманд, ки шахсиятҳои тавоно аз воситаҳои "нармтари" таъсир ба рақибони сусти худ истифода мекарданд. Онҳоро бадарға мекарданд, ба ҳабс маҳкум мекарданд. Бо рушди ҷомеаи инсонӣ мухолифонро аз кор озод менамуданд, ҳуқуқҳои онҳоро, хусусан ҳуқуқҳои сиёсии онҳоро маҳдуд мекарданд, то онҳо дар ҳаёти ҷамъиятии ҷомеа фаъолона иштирок карда натавонанд. Ҳолатҳое маълуманд, ки заифон дигар воситаҳои рафъи рақибони худро наёфта, бар зидди онҳо макру ҳиларо истифода мекарданд, суиқасдҳо ташкил менамуданд.

Дар «Луғати забони русӣ»бошад, мафҳуми терроризм чун «тарсонидан, амали зӯроварӣ, зӯроварӣё таҳдид бо амал»[1] шарҳ дода шудааст. Сиёсатшиноси тоҷик А. Муҳаммад дар рисолаи «Донишномаи мухтасари сиёсӣ» ин мафҳумро ба таври зайл шарҳ додааст: «Терроризм ин зуҳуроти таърихиест, ки дар тӯли асрҳои зиёд ба унвони як хатар ва ё фоҷеабортарин рӯйдод шинохта шудааст»[2]. Профессор Г. Н. Зокиров терроризмро чунин тавзеҳ додааст: «Терроризм — шакли канораи экстремизми сиёсӣ ва зӯроварии системанок аз ҷониби неруҳои сиёсӣ дар нисбати субъектҳои дигари сиёсӣ ва идоракунӣ. Дар сиёсат дар лаҳзаҳои бештар зиддиятнок ва муборизаи шадид истифода мешавад ва барои ин ё он таркибот ё ҳаракати сиёсӣ хатарнок аст»[3].

Маънои луғавии "террор" таҳдид, тарсонидан ва даҳшатафканӣ буда, истилоҳи «терроризм» бо мақсадҳои сиёсӣ, идеологӣ ё иқтисодӣ анҷом додани амали террор ё даҳшатафканиро ифода мекунад. Дар ин марҳила ифротгароён ба таҳдид, зӯроварӣ ва қатлу куштор рӯ оварда, амалан ба ҳаракати террористӣ мепайвандданд.

Дар муносибатҳои дохили давлатӣ ва байналмиллалӣ охирҳои асри XX ва ибтидои асри XXI даҳҳо конфренсияҳо бо иштироки сарварони давлатҳои абарқудрат, идораҳои махсус ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва Созмони Милали Муттаҳид бо мақсади мубориза ба муқобили терроризми сиёсӣ таҳрезӣ ва корбаст гардидааст. Тасодуфӣ нест, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ аз хавфи терроризми сиёсӣ ва умуман, терроризм ба изтироб

---

[1] Ожегов С. И. Словарь русского языка [Текст] С. И. Ожегов. – М. : Русский язык, 1987. – С. 787.

[2] Муҳаммад А. Донишномаи мухтасари сиёсӣ [Матн] / А. Муҳаммад. – Душанбе. «Эр-Граф», 2016. – С. 299.

[3] Зокиров Г. Н. Донишномаи сиёсӣ. Ҷилди III [Матн] / Г. Н. Зокиров. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – С. 245.

омада, дар ҷустуҷӯи роҳҳои боздоштан ва пешгирӣ кардани ин зуҳуроти мебошад.

Зербоби дуюми боби якум -«**Сабабҳои пайдоиш ва шаклҳои асосии терроризми сиёсӣ**» омӯзиши раванди ташаккулёбии терроризми сиёсӣ, қонуниятҳо, заминаҳои бавуҷудоии он ва хусусиятҳои ин зуҳурот бахшида шудааст.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар замони тағйирёбии ҷомеа вобаста ба масъалаи терроризми сиёсӣ ин муайян кардани сабабҳои пайдоиш ва паҳн шудани ин зуҳуроти номатлуб мебошад. Зеро, солҳои охир терроризми сиёсӣ ба таври ҷиддӣ фаъол гардида истодааст. Сабаби фаъол гаштани терроризми сиёсӣ пеш аз ҳама, ба буҳрони идеологӣ, давлатӣ,ҳуқуқӣ ва сохти ҷамъиятӣ иртибот дорад.

Дар чунин ҷомеа гурӯҳҳои гуногуни ба ҳам мухолифи сиёсӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, динӣ пайдо мешаванд, ки барояшон қонунӣ будани ҳокимияти мавҷудбуда шубҳаангез мешавад. Дар ин замина, ноустуворӣ, низоъҳои оштинопазир асоси муносибатҳои базавӣ ва робитаҳои иҷтимоиро ташкил медиҳад.

Дар давраи гузариш вазъи мураккаби иқтисодӣ ба вуҷуд омада, муқобалаи иҷтимоӣ сар мезанад, ки сабабгори тағйироти куллӣ мешавад. Ҳамзамон, дар ҷомеа афкори умумӣ ташаккул ёфта, барои он арзёбии номувофиқи воқеият, рӯҳияи ноустуворӣ, интизориҳои бефоида, хашмгинӣ ва таҷовузкорӣ хос аст. Дар ин шароит даъватҳои экстремистӣ ва амалҳои эътирозӣ ба осонӣқабул карда мешаванд. Камбизоатӣ, бекорӣ, номутаносибӣ аз ҷиҳати даромади, пулӣ, заифии ҳокимияти давлатӣ, нобаробарии иҷтимоӣ ва дигар сабабҳо боиси он мегарданд, ки экстремизм ва терроризм ҳамчун парастиши бераҳмӣдар афкори баъзе аз афроди ҷомеа ҷо мегиранд.

Вазъи номусоиди иқтисодӣ, ба ҳама қисмати фаъоли аҳолӣ, махсусан ба ҷавонон таъсир мерасонад. Аз меҳнату фаъолият дур будан ва ба шуғлу касбе машғул набудани ҷавонон барои ба ҳар гуна равияҳои тундгаро шомил гардидани онҳо боис мегардад ва ин амали хешро дуруст ҳам мепиндоранд. Сатҳи пасти зиндагӣ, камсаводию аз илму дониш фориғ будан ва ҳавою ҳаваси молу сарват, инчунин фирефта шудан ба ваъдаҳои хоми онҳо ин тоифаҳои сустиродаро зуд ба доми тазвир медароранд. Бинобар ин, барои пешгирӣ ва бартараф намудани зуҳуроти терроризми сиёсӣ, пеш аз ҳама, ба тарбияи хонаводагӣ, маърифатӣ, зиракии сиёсӣ ва мактабу маориф диққати махсус бояд дод. Терроризми сиёсӣ зуҳуроте мебошад, ки бо роҳи зӯрӣ тағйир додани сохти конститутсионии давлат, тавассути фишороварӣ ғасп намудани ҳокимияти сиёсӣ,

халалдор намудани истиқлолияти сиёсӣ ва ба вуҷуд овардани бадбинии динию сиёсӣ ҳадафи ниҳоии он мебошад.

Идеологияи террористӣ, аксар вақт хусусияти динӣ дошта, ба пойдор шудани мафкураи экстремистӣ, таназзули ғоявии аҳолӣ, камарзиш донистани арзишҳои ватандӯстӣ, содиқ будан ба ватани худ мусоидат менамояд. Ин хусусият ба ҳама ҷараёнҳои динии ифротӣ хос мебошад.

Дар шароити ҳозира омили муҳимми фаъолнокии зуҳуроти террористиро пурқувваткунанда пеш аз ҳама маҷмӯи дастурҳои идеявии ниҳоят радикалӣ*(тундгаро)* тавассутиИнтернет ва шабакаҳои иҷтимоӣташкил медиҳад, ки ба ҳайси асосноккунии назариявии истифодаи зӯроварӣ дар шаклҳои гуногун барои ғайриқонунӣ ноилшудан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ, сиёсии сохторҳои номбаршуда баромад мекунанд.

Ҳамин тавр, ҳангоми ба вуҷуд омадан ва рушд кардани зуҳуроти терроризми сиёсӣ дар ин ё он шакл ба як қатор омилҳои иқтисодӣ, этникӣ, динӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, психологӣ минтақавӣ ва геосиёсии ҷомеа вобастагӣ дорад. Ҳамаи ин омилҳо ба рушди терроризм таъсир мерасонанд ва танҳо вобаста аз вазъ дар баъзе ҳолат яктои он ва дар дигар вазъ якчантои онҳо нақши асосиро иҷро мекунанд.

Боби дуюми диссертатсия - «**Омилҳои пайдоиши терроризми сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъзе хусусиятҳои зоҳиршавии он**» ба таҳқиқи омӯзиши терроризми сиёсии замонимуосир вобаста ба вазъи тағийирёбанда ва дигаргуниҳои нави ҷаҳонӣ бахшида шудааст.

Зербоби якуми боби дуюм- «**Экстремизм ҳамчун зуҳуроти терроризми сиёсӣ**» ба таҳлилу баррасии экстремизм ва терроризм ҳамчун зуҳуроти номатлуби сиёсӣ бахшида шудааст. Дар шароити муосир экстремизм ва намудҳои мухталифи он ҳамчун зуҳуроти паҳнгаштаи иҷтимоию сиёсӣ, дар заминаи ихтилофоти мухталифи дар ҷомеа мавҷудбуда ва марбут ба соҳаҳои асосии ҳаёти ҷомеа ба вуҷуд омадааст. Он падидаи мураккаб ва гуногунҷанба буда, пеш аз ҳама, соҳаи муносибатҳои сиёсиро дар сатҳҳои гуногун, дар муносибатҳои байнидавлатӣ, байнамилалӣ, байни синфҳо ва гурӯҳҳо фаро мегирад.

Якум, ташкилотҳои террористӣ дар миқёси сайёра торафт васеътар паҳн шуда истодаанд. Онҳо ҳам дар минтақаҳои муноқишаҳои анъанавии байналмилалӣ зоҳир мешаванд (масалан, Ховари Миёна, Осиёи Ҷанубӣ) ва ҳам дар давлатҳои пешрафта (Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва давлатҳои Европаи Ғарбӣ) ва

ҳеҷкишвари ҷаҳон аз таъсири фоҷеабори ин зуҳуроти хатарнок эмин нестанд.

Дувум, ҳамасола дар ҷаҳон садҳо амали террористӣ содир карда мешавад ва шумораи қурбониёни онҳо ҳазорҳо нафар кушта ва маъюбро ташкил мекунанд.

Севум, кӯшишҳои як давлати абарқудрат ё ҳатто як гурӯҳи давлатҳои пешрафта барои мубориза бо терроризми байналмилалӣ кифоя нестанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар низоъҳои сиёсии ҷаҳони муосир дар қатори дигар омилҳо терроризму экстремизм бештар ба бархӯрдҳои динию этникӣ алоқамандии зич пайдо намуда, чун зуҳуроти номатлуби ҷомеа зоҳир мешаванд. Аз ин рӯ, дар назди муҳаққиқон яке аз талаботҳои таҳқиқоти терроризм ва экстремизм ин ошкор намудани таъсири кибертерроризм ва экстремизми динию этникӣ ба ҳодисаҳои рӯзмарра мебошад.

Сабаби зиёд шудани аъзоёни шабакаҳои иҷтимоӣ дар он аст, ки фаъолони сиёсӣ ва рӯзноманигорони мустақил дар шабакаҳои мазкур дар бораи воқеа ва ҳодисаҳои гуногуни ҳаёти сиёсии кишвари худ маводи таҳлилӣҷӯй медиҳанд, то ки дигаронро низ аз муҳтавои он бархӯрдор намоянд[1]. Аммо тӯли солҳои охир террористон ва экстремистон низ ба шабакаҳои иҷтимоӣ роҳ ёфта, ба воситаи тарғибу ташвиқи иттилооти зарарнок ба шуури одамон ва рафтори онҳо таъсири амиқ расонида истодаанд. Қисми зиёди нафароне, ки ба сафи гурӯҳҳои экстремистию террористӣ мепайванданд, маҳз дар шабакаи иҷтимоӣ мағзшӯӣ мешаванд ва онҳо минбаъд ин дарсро ба наслҳои нав интиқол медиҳанд.

Ҳамин тариқ, кибертерроризм амалҳои тахрибкоронаеро дар бар мегирад, ки вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ мақсади ниҳоии он ба шумор меравад. Бояд гуфт, ки роҳу усулҳои амалишавии ҳуҷумҳои иттилоотӣ, бо дарназардошти рушди илму техника ва дастрасӣ пайдо намудани террористон ба ин навъи дастовардҳои инсонӣ, мукаммалтару таъсирноктар мегарданд.

Зербоби дуюми боби дуюм - «**Экстремизми динӣҳамчун заминаи пайдоиши терроризми сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**» ба таҳлилу баррасии экстремизми динӣҳамчун заминаи пайдоиши терроризми сиёсӣ бахшида шуда, дар он заминаи таҳлил дар самти пешгирии терроризми сиёсӣ нишон дода шудаанд.

---

[1] Махмадов А. Н. Место и роль интернета в политике [Текст] / А. Н. Махмадов, А. Х. Ибодов // Вестник Таджикского национального университета. – 2014. – Т.1. – №3-8 (150). – С. 132-136.

Терроризми сиёсии замони муосир вобаста ба вазъи тағйирёбанда ва дигаргуниҳои нави ҷаҳонӣ ба худ хусусиятҳои хосе гирифта, пайваста шакл ва мазмуни худро тағйир медиҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон экстремизми динӣ яке аз заминаҳои пайдоиши терроризми сиёсӣ ба шумор меравад, зеро дар вазъияти ҳассоси ҷаҳони муосир сиёсисозии ислом яке аз хатарҳои ҷиддӣ барои ҷомеаи ҷаҳонӣ дониста мешавад. Он нуқтаро бояд махсус таъкид кард, ки экстремизми динӣ дар муҳити пасошӯравии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои фарқкунандаи худро дорад. Дар кишвари мо пайдоиши экстремизми динӣ ба пошхӯрии собиқИттифоқиСоветӣ рост омада, ҳамчун қувваи муташаккили сиёсӣ дар охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта ташаккул ёфтан гирифт. Сабабҳои асосии ин раванди манфӣ дар ҷумҳурӣ болоравии андешарониҳои динӣ, таъсис ёфтани ҳаракату ҳизбҳо, ривоҷу равнақи бесобиқаи ҷаҳонбинии динӣ буд. Фурӯпошии пояҳои идеологии як давлати абарқудрат сабаб гардид, ки холигии идеологӣ ба вуҷуд омада, гурӯҳи муайяни мардум барои пайдо кардани ҷаҳонбинии нав ба дин ва арзишҳои динӣ рӯ оварданд. Чунин вазъият ба тақвият ёфтани фаъолияти бисёре аз созмонҳои исломӣ мусоидат намуда, ба ин созмону ҳаракатҳо ҷиҳати мавқеъгирии сиёсию динӣ мусоидат фароҳам сохт.

Экстремизми динӣҳамчун шакли терроризми сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати омили бесуботсозанда амалӣ гашта, ба амнияти давлат ва шаҳрвандон таҳдид менамояд. Таърих собит месозад, ки дар ҳар куҷое, ки экстремизм зуҳур намояд, ҷомеа аз фаъолияти созанда боз мемонад, нақшаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ дар кишвар аз мадди назар дур монда, ба рушди босуботи ҷомеа монеа эҷод шуда, душвориҳои зиёд ба бор меорад. Омӯзиши экстремизми динӣ дар Тоҷикистон ва омилҳои муайянкунандаи он яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеаи муосир маҳсуб меёбад, ки онро зарурати таъмини рушди устувори ҷамъиятӣ тақозо дорад.

Экстремизми сиёсӣ дар бетаҳаммулӣ нисбати намояндагони дигар динҳо ё мухолифатҳо дар дохили як дин зоҳир мешавад. Аз нуқтаи назари ҳуқуқ, сухан дар бораи экстремизми исломӣ танҳо дар он ҳолат бояд равад, ки агар ақидаҳо ва амалҳои як қисми диндорон мухолифи қонунҳои дар давлат амалкунанда бошанд. Барои худи экстремизм бошад, пеш аз ҳама, беэътиноӣ ва бадбинӣ ба ҳама дигар ақидаҳо, ғайр аз нуқтаи назари худ хос аст. Дар натиҷа, даъват ба фаъолияти фаъол ва хашмгин аз ҷумла, зӯроварӣ, барои тасдиқи манфиатҳои динӣ ва сиёсии худ мебошад.

Дар робита ба терроризм бошад, он «тактика ё стратегияи гурӯҳҳои муназзамшуда, ташкилшуда ва аз ҷиҳати идеологӣ асоснокшудаи истифодаи ҳамлаҳои террористӣ барои мақсадҳои сиёсӣ мебошад.»[1].

Ҳамин тариқ, экстремизм яке аз шаклҳои оштинопазири инкори меъёрҳои иҷтимоӣ ва қоидаҳои дар кишвар мавҷуда аз ҷониби шахсони алоҳида ё гурӯҳҳо мебошад. Сабабҳои он дар гумроҳкунии иҷтимоии як қисми мардум, маълумотнокии нокифояи онҳо, ҳолати буҳронии ҷомеа, заифии ниҳодҳои назорати ҷамъиятӣ ва низоми бесамари ҳуқуқӣ мебошанд.

Зербоби сеюми боби дуюм-«**Хавфи экстремизм ва амалҳои террористӣ ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои пешгирии онҳо**»ба омӯзиши консепсияҳои нави хавфи ифротгароӣ ва амалҳои террористӣ ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои пешгирии онҳо бахшида шуда дар он пешгирии хавфи ифротгароӣ ва амалҳои террористӣ дар раванди идоракунии давлати нишон дода шудааст.

Дар олами имрӯза падидаю ҳодисаҳо ва равандҳои гуногуни ташаккулёфтаи, иртиҷоӣ нишон медиҳанд, ки экстремизми динӣ оқибатҳои харобиовар дошта, дар инкишофи таърихи халқҳою кишварҳо ва минтақаҳои гуногун таҳдиду монеаҳои зиёд ба бор оварда, яке аз хавфҳои асосӣ ба ҷомеаи муосир, фарҳангу ҳамкориҳои мутамаддин, бехатарии халқҳо ва давлатҳо, аз ҷумла кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва бевосита Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Зӯроварии иҷтимоӣ ва таҷовуз яке аз сабабҳои паҳншавии экстремизми динӣ мебошад. Имрӯзҳо дар гушаҳои гуногуни олам амалҳои террористӣ анҷом дода шуда, гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ ва ҳаракатҳо баҳри расидан ба ҳадафҳои худ аз он истифода мебарад. Болоравии тамоюли экстремизм дар ҷаҳони муосир сабаби мубаддал гаштани ин падида ба яке аз мушкилиҳои асосии замони муосир гаштааст.

Гуфтан ба маврид аст, ки ба хотири таъмини амнияти миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муқобили ҳама гуна зуҳуроти номатлуб, экстремизм, терроризм, қочоқи маводи мухаддир, вуруди идеологияи харобкорона ва ҷараёну равияҳои тафриқаангез, муборизаи бурда, аз ҷумла Департаменти

[1] Саватеев А. Дагестан: истоки фундаментализма – в бедности [Текст] / А. Саватеев // Россия и мусульманский мир. – 2001. – №10 (112). Бюллетень реферативно-аналитической информации. – М., 2001. – С. 63-68.

мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ба рӯйхати ташкилотҳои террористӣ ва экстремистии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мамнӯъ 15 ташкилотҳои зеринро дохил кардааст: «Ал–Қоида», «Бародарони мусалмон» (Ихвон-ул-Муслимин), «Лашкари Тайиба», ҷунбиши «Толибон», «Ҳизби исломии Туркистон» (собиқҲИУ), «Давлати исломӣ» (ДИИШ), «Ҷабҳат-ан-нусра», Ҷамоати «Ансоруллоҳ», Ҳизби наҳзати исломӣ, «Ҳаракати исломии «Туркистони Шарқӣ», «Паймони миллии Тоҷикистон», «Джамият-е-Таблиғ», «Призыв к исламу», «Тоҷикистони озод» ва «Гурӯҳи 24».

Бешубҳа, омилҳои муайян ба пайдоиши ҷараёнҳои экстремистии мазҳабӣ дар ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ дар Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама, Ҷумҳурии Тоҷикистон, мусоидат карданд. Ба ин омилҳо пошхӯрии собиқИттифоқиСоветӣ дохил мешавад, ки пас аз он муборизаҳо миёни элитаи минтақавӣ ва ҳаракатҳои мухталифи иҷтимоию сиёсӣ барои қудрати сиёсии кишвар шиддат гирифт. Ин бархӯрдҳо ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расониданд, бетартибӣ ва беқонунӣ кишварро фаро гирифт. Робита бо ҷумҳуриҳои собиқИттифоқиСоветӣқатъ шуд, ки боиси аз кор мондани корхонаҳои саноатӣ гардид. Бекорӣ пайдо шуд, ки барои пайдоиши созмонҳои ғайрианъанавии динии террористӣ ва экстремистӣ замина фароҳам овард. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ташкилотҳои динии ғайри анъанавиро манъ мекард. Аз ин рӯ, онҳо фаъолияти худро пинҳонӣ ба роҳ монда буданд. Ин созмонҳои террористии пинҳонӣ асосан аз ҷониби ҷавонон дастгирӣ карда мешаванд. Аз таҳлили адабиёти илмӣ оид ба пайдоиш ва паҳншавии фаъолияти ташкилотҳои ғайридавлатии динӣ бар меояд, ки ақидаҳои экстремизми динӣ дар шакли салафӣ-ваҳҳобизм паҳн шуда бошанд.

ХУЛОСА

I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар раванди омӯзиш ва таҳқиқи ин масъала вобаста ба ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта хулосаҳои илман асоснокшуда ва пешниҳодҳои амалӣ коркард шудаанд, ки онҳоро мушаххасан ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

1. Дар шароити ҳозираи инкишофи олам барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи пешгирии терроризми сиёсӣ дар дохил ва хориҷӣ кишвар аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Зеро идеологияи терроризми сиёсиро неруҳои террористӣ ба воситаи ташаккул додани шуури сиёсии ба самти махсус равонашуда дар субъектҳои фаъолияти сиёсӣ табдил додаанд, ки ба туфайли он дар онҳо

далелҳои устувори ғоявӣ, ки бе он терроризми сиёсӣ номумкин аст, ташаккул меёбад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки терроризми сиёсӣ ба захираҳои густурда такия карда, қобилияти фаъолона таҳаввул карданро дорад. Истифодаи мақсадноки онҳо ба терроризми сиёсӣ амалӣ намудани ҳадафҳои тахрибкоронаи онро таъмин намуда, терроризми сиёсӣро ба омили асосии нооромсозандаи тартибот дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон мубаддал гардонидааст.

2. Дар айни замон терроризм, дар маҷмӯъ, дар дилхоҳ давлат метавонад омили шиддатнок гардонидани вазъият гардад, ба доираи нуфуз ва таъсири худ неруҳои гуногуни сиёсӣ ва минтақаҳоро ҷалб намояд ва хусусияти фаромиллиро касб намояд. Дар диссертатсия аломатҳои асосии терроризми сиёсӣ чун намуди нави ҷанг, хусусиятҳои хосси он тавзеҳ шудаанд.

3. Шаҳрвандони кишвар махсусан ҷавонони оянда бояд аз ин ҳодисаҳои номатлуби террористӣ доимо огоҳ бошанд. Таҳқиқотҳои олимони муосир баёнгари он мебошанд, ки хусусиятҳои зуҳуроти терроризми сиёсӣ тағйир меёбанд ва дар ҳама ҳолат ба зарари инсоният мебошанд, ки муттаҳидшавии фаъолияти терроризми сиёсӣ, ҷиноятҳои мутташакилона, мафияи маводи нашъадор, хусусияти омехтаи ҳамла ба аҳолии осоишта, тайёр будан ба истифодаи яроқи ҳастаӣ ва бактериологиро фарогир аст. Бинобар сабаби афзудани таъсиррасонӣ ба раванди сиёсӣ шаклҳои гуногуни мубориза зарурияти таҳлил намудани мундариҷаи онро тақозо дорад. Тамоюли муайяни аз байн бурдани фарқият байни ҷараёнҳои террористӣ, ҳаракатҳои партизанӣ, шӯришгарони миллӣ-озодихоҳӣ мушоҳида мешавад.

4. Терроризми сиёсӣ зуҳуроти таърихан иҷтимоию иқтисодӣ буда, раванди ташаккул ва ба миён омадани он ба маҷмӯи омилҳои объективӣ ва субъективии хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ва миллию психологӣ марбут аст. Маҳз бенавои ва тафриқаи иҷтимои дар ҷараёни тағйиротҳо ба бегонагии сиёсӣ оварда мерасонад ва дарҷомеа ҳолати ихтилофангезро ба миён меорад. Табиист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як қисми ҷомеаи ҷаҳонӣ аз хатари таҳдидҳои муосир дур буда наметавонад. Мавриди зикр аст, ки дар давоми 30-соли истиқлолият амалҳои зиёди террористие ба вуқуъ омаданд, ки амният ва фазои сиёсии кишварро халадор намуданд. Суиқасд ба ҷони сарвари давлат дар шаҳри Хуҷанд, балвои Маҳмуд Худоибердиев, фирори маҳбусони 25-нафара дар шаҳри Душанбе (23-августи 2010), таркиши 6-уми отдели шаҳри Хуҷанд, (3-юмисентябри 2010), тарконидани 25-нафар сарбоз ва мошини вазорати мудофиа дар Дараи Камароб (19-сентябри 2010), ҳодисаи

террористие, ки сентябри 2016 дар дараи Ромит аз ҷониби Ҳоҷи Ҳалим рӯх дод ва ниҳоят ҳодисаи бераҳмонаи сайёҳоне, ки соли 2019 дар ноҳияи Данғара аз ҷониби террористон ба амал омад далели ин гуфтаҳост.

5. Дар даврони кунунӣ (хосатан, дар ибтидои аввали асри XX) реша давондани терроризм дар амал таъсири худро анқариб ба ҳамаи мамлакатҳои олам, аз ҷумла давлатҳои Осиёи Марказӣ расонида истодааст. Терроризм чун зуҳуроти номатлуби асрҳои XX-XXI хислати ҷаҳониро касб карда истодааст, ки метавонад на танҳо рушди босуботи мамлакатҳои алоҳида, балки минтақаҳои зиёде ва дар умум тамоми ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвишу таҳлука андохта, ба рушду тараққиёт ва пешрафти онҳо монеа ба бор меорад.

Моҳият ва мушкилоти муқовимат бо терроризми сиёсӣ ва хусусиятҳои он дар шароити тағйирёбии ҷомеаро омӯхта метавон чунин натиҷагирӣ кард:

- дар муборизаи ҳарррӯза барои ҳокимият дар таърих даҳҳо ва ҳатто садҳо мисолҳои террори индивидуаллиро овардан мункин аст. Вале алакай дар Рими қадим ба террори гурӯҳи ва ҳатто маҳдуд рӯ меоварданд. Юлий Сезар дастаи аскарони (легион) рӯ ба гурез ниҳодаро ба марги аз дах як ҳиссаи сарбози гурехта ҷазо медод. Дар натиҷа ӯ бо ин амалаш дар дигарон даҳшат ба вуҷуд меовард ва бо ҳамин роҳ даҳшат он тарсе, ки ҷанговарон дар назди душман ҳис мекарданд, берун мекард. Даҳшат ба тарс ғолиб меомад ва баъди он легион аз сари нав қобили ҷанг мегардид [1 - М].

- бар замми он, дар ҳолати мавҷуд будани хатогиҳои муайяни сиёсӣ дар сатҳи давлатӣ ҳамаи дигаргуниҳои номбаршудаи манфӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва маъданӣ заминаҳои ба вуҷуд омадани экстремизм ва терроризм мебошад [2 - М].

– яке аз масъалаҳои баҳснок вобаста ба терроризми сиёсӣ ин вуҷуд надоштани нуқтаи назари ягона байни муҳаққиқон, рӯзноманигорон, олимон дар таснифоти терроризм ба намудҳо мебошад, ки аз мураккабии истисноӣ, гуногунии шаклҳо ва ихтилофоти сиёсӣ дар арзёбии ин падидаи номатлуб шаҳодат медиҳад. [3 - М].

– терроризми сиёсӣ тактикаи ғайриқонунии муборизаи сиёсии ба амали террористӣ такиякунандаро дар назар дорад, ки қурбониҳои ногузир вобаста барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ мебошад [6 - М].

– зуҳуроти экстремизми динӣ ва сиёсӣ, инкони бурдани гуфтушунидҳо, гузашткарданҳо, созиш ва ҳаллӣ мушкилиҳои иҷтимоию сиёсиро рад мекунад [9 - М].

-дар соҳаи сиёсатшиносӣ, терроризми сиёсӣ зуҳурот ва шакли зӯроварии сиёсӣ ё ҷисмонист, ки ба он хавфи ҷамъиятӣ, ғайриқонунӣ ва даҳшатафканӣ хос аст. [3 - М].

– айни ҳол заминаи афзудани шумораи зуҳуроти террористӣ, пурзуршавии хавфи ҷамъиятии онҳо афзоиши баланди сатҳи гардиши ғайриқонунии намудҳои гуногуни силоҳ дар якҷоягӣ бо ҷиддӣ шуданӣ ихтилофоти иҷтимоӣ мебошад [5 - М].

II. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Дар асоси таҳқиқ ва таҳлилҳое, ки дар доираи диссертатсия анҷом дода шуданд, барои беҳбуди вазъи мубориза бо терроризми сиёсӣ ва шаклҳои мухталифи он тадбирҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Боз ҳам беҳтар ва ҷонноктар сохтани тарбияи насли наврас ва ҷавонон дар руҳияи инсонгароӣ, ватандӯстӣ, дӯстии халқҳо ва ваҳдати миллӣ бо такя ба густариши донишҳои муосир ва ҷаҳонбинии дунявии онҳо;

2. Баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии ҷавонон аз тариқи эҷоди корхонаҳои наву пурқудрати иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонии онҳо ба фаъолиятҳои инноватсионии рушди иқтисод;

3. Мусоидати бештар ба коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва аз байн бурдани он аз тариқи барномаҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати давлатӣ ва ғайридавлатӣ;

4. Танзими давлатии низоми муҳоҷират ва таваҷҷуҳи махсус ба мушкилиҳои муҳоҷирони меҳнатӣҷиҳати пешгирӣ аз пайвастани онҳо ба сохторҳо ва ҳаракатҳои номатлуби ифротӣ ва террористӣ;

5. Баланд бардоштани сатҳи бовар ва эътимоди мардум ба мақомоти қудрати давлатӣ аз тариқи такмил ва истифодаи амалии низоми ҳуқуқии кишвар; таъмини шаффофият ва адолати иҷтимоӣ;

6. Истифодаи босамари тавонмандӣ ва имконоти ҷомеаи шаҳрвандии кишвар ва ниҳодҳои он ба шумули бахши хусусӣ (бизнес) дар муборизаи дастаҷамъона бар зидди терроризм ва шаклҳои мухталифи он, аз ҷумла экстремизми динӣ ва сохторҳои ифротгаро;

7. Коркарди усулҳои муосири иттилоотӣ бо истифода аз технологияи муосир ҷиҳати пешгирии терроризму ифротгароӣ, чун дар шароити паҳншавии бемории сироятии COVID-19 фаъолнокии сохторҳои номатлуб дар шабакаҳои иҷтимоию сомонаҳои интернетӣ бештар гардида, таъсири онҳо дар шакли таҳдидҳои иттилоотӣзоҳир мегардад;

8. Ҳамкориҳои бештар ва судманд дар чорчубаи Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ оид ба пешгирию мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ ва дигар созмонҳои байналмилалии бонуфуз.

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаиКОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М]. Файзов Р.Х. Пайдоиш, мафҳум, маъно ва моҳияти терроризм [Матн] / Р.Х. Файзов. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.–2017 –№2/4 – С.284-288.

[2-М]. Файзов Р.Х. Баъзе масъалаҳо роҷеъ ба сабабҳои пайдоиши терроризми сиёсӣ ва шаклҳои асосии он.[Матн] / Р.Х. Файзов. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.–2017 –№2/9 – С.285-291.

[3-М]. Файзов Р.Х.Баъзе андешаҳо оид ба хусусиятҳои ифротгарои ва терроризми сиёсӣ дар ҷомеа.[Матн] / Р.Х. Файзов. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –2018 –№2 – С.279-284 .

[4-М]. Файзов Р.Х. Экстремизми динӣҳамчун шакли терроризми сиёсӣ [Матн] / Р.Х. Файзов. // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ–2018–№1-2 (001-002) – С.117-123.

[5-М]. Файзов Р.Х. Хусусият ва шаклҳои зоҳиршавии терроризм [Матн] / Р.Х. Файзов. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ –2019 – №2 – С.285-291.

[6-М]. Файзов Р.Х. Терроризми сиёсӣҳамчун раванди номатлуби иҷтимои [Матн] / Р.Х. Файзов. // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ–2019–№3-4 (001-002) – С.117-123.

[7-М]. Файзов Р.Х. Терроризм омили хатарафзои замони муосир [Матн] / Р.Х. Файзов. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ –2019 – №3 – С.278-282.

[8-М]. Файзов Р.Х. Давлати дунявӣ ва тамоюлҳои миллии рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Р.Х. Файзов. Я. Фируз // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ–2020–№1 (009) – С.57-63.

[9-М]. Файзов Р.Х. Экстремизми динию сиёсӣ чун омили таҳдид ба суботи ҷомеа [Матн] / Р.Х. Файзов. // Идоракунии давлатӣ маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2021 - –№2 (51) – С.298-304.

[10-М]. Файзов Р.Х. Ҷасорати сиёсии Пешвои миллат дар истиқрор ва таҳкими сулҳу субот дар минтақа [Матн] / Ш.Т. Каримов. Р.Х. Файзов. // Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. –2021.- №3-4. - С. 180-183.

II. Маводи конференсияҳо, фишурдаҳо, маърӯзаҳо:

[11-М]. Файзов Р.Х. Терроризми сиёсӣ: моҳият ва мазмуни он [Матн] / Р.Х. Файзов. // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Идоракунии иноватсияҳо: назария, методология ва амалия». – Кӯлоб., 2016. – С. 68-70

[12-М]. Файзов Р.Х. Назаре ба нақши мактаби сиёсии Пешвои миллат дар рушди ҷомеа [Матн] / Р.Х. Файзов. // Конференсияи илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Меъмори давлатдории навин». – Душанбе., 2021. – С. 240-247

[13-М]. Файзов Р.Х. Экстремиз ва терроризм зуҳуроти номатлуби ҷомеа [Матн] / Р.Х. Файзов. // Конференсияи вилоятии илмию амалӣ дар мавзуи «Нақши Пешвои миллат дар рушди соҳибистиқлолии Тоҷикистон». - Душанбе., 2021. – С. 96-99

III Интишороти дигар:

[14-М]. Файзов Р.Х. Хусусиятҳои таълими фанни сиёсатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дастури таълимӣ – методӣ) [Матн] / Р.Х. Файзов, Ш.Т. Ҷобиров – Кӯлоб, «Матбаа» - 2022 – 112 с.

АННОТАТСИЯИ

автореферати диссертатсияи Файзов Рамазон Холмадович дар мавзуи «Терроризми сиёсӣ ва хусусиятҳои он дар шароити тағйирёбии ҷомеа» (таҷрибаи Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200– Сиёсатшиносӣ

Калидвожаҳо: терроризм, экстремизм, терроризми сиёсӣ,экстремизми динӣ, мубориза бо терроризм ва экстремизм, ғояи сиёсӣ, манфиатҳои миллӣ, зӯроварӣ, гурӯҳҳои ҷиноӣ, даҳшатафканӣ, зуҳуроти номатлуб, зуҳуроти ҷамъиятию сиёсӣ, низоми сиёсӣ, тағйирёбии ҷомеа, ҷомеаи шаҳрвандӣ, амният ва суботи минтақа, Тоҷикистон.

Диссертатсияи мазкур ба омӯзиши масъалаҳои марбут ба терроризми сиёсӣ ва хусусиятҳои он дар шароити тағйирёбии ҷомеа дар асоси таҷрибаи Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф дар навбати аввал заминаҳои илмиву назарии мавзӯъро мавриди таҳлил қарор дода, дар асоси омӯзиши амиқи сарчашмаҳо моҳият ва шаклҳои зоҳиршавии терроризми сиёсиро нишон додааст.

Диссертатсия аз ду боб ва панҷ зербоб иборат мебошад. Боби аввал таҳти унвони “Асосҳои назариявию методологии таҳқиқ ва таҳлили масъалаи терроризми сиёсӣ” ба таҳқиқӣ асосҳои илмию назариявӣ ва хусусиятҳои консептуалии масъалаи терроризми сиёсӣ бахшида шуда, дар заминаи таҳлилӣ назарияҳои илмии замони муосир мафҳум ва моҳияти терроризми сиёсӣ нишон дода шуда, нишонаҳо ва хусусиятҳои муҳими ин зуҳуроти номатлуб муайян гардидааст.

Мазмун ва мундариҷаи боби дуюми диссертатсияро - “Омилҳои пайдоиши терроризми сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъзе хусусиятҳои зоҳиршавии он” – масъалаҳои марбут ба таҳқиқи омӯзиши терроризми сиёсии замони муосир вобаста ба вазъи тағйирёбанда ва дигаргуниҳои нави ҷаҳонӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ташкил додааст.

Аз назари муаллиф, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи пешгирии терроризми сиёсӣ дар дохил ва хориҷӣ кишвар аҳамияти аввалиндараҷа дорад, чун терроризм ба як зуҳуроти номатлуби иҷтимоию сиёсӣ мубаддал гашта, дар арсаи байналмилалӣҳамчун воситаи ғайриқонунии ба ҳадаф расонидашаванда мавриди истифода қарор гирифтааст.

Дар анҷоми диссертатсия муаллиф таҳқиқоти хешро натиҷагирӣ карда, дар асоси бозёфтҳои илмии таҳқиқот тавсия ва пешниҳодҳои амалии худро барои боз ҳам фаъолтар ва пурсамартар сохтани муборизаи зидди терроризми сиёсӣ ва анвои он дар Тоҷикистон пешкаш намудааст.

АННОТАЦИЯ

к автореферату диссертации Файзова Рамазона Холмадовича на тему «Политический терроризм и его особенности в контексте меняющего общества» (опыт Таджикистана) на соискание ученой степени доктора философии (PhD), доктор по специальности 6D050200 - Политология.

Ключевые слова: терроризм, экстремизм, политический терроризм, религиозный экстремизм, борьба с терроризмом и экстремизмом, политическая идеология, национальные интересы, насилие, преступные группировки, террор, нежелательные явления, социально-политические явления, политическая система, меняющее общество, безопасность и стабильность региона, гражданское общество, Таджикистан.

Диссертация посвящена исследованию вопросов, связанных с политическим терроризмом и его характеристиками в контексте меняющегося общества на основе опыта Таджикистана. Прежде всего, автор анализирует научно-теоретические основы предмета и на основе глубокого изучения источников показывает сущность и формы политического терроризма.

Диссертация состоит из двух глав и пяти параграфов. Первая глава, озаглавленная «Теоретико-методологические основы исследования и анализа проблемы политического терроризма», посвящена изучению научно-теоретических основ и концептуальных особенностей проблемы политического терроризма; на основе анализа современных научных теорий показаны понятие и сущность политического терроризма, а также определены важные признаки и особенности этого нежелательного явления.

Содержание второй главы диссертации - «Факторы возникновения политического терроризма в Республике Таджикистан и некоторые особенности его проявления» - состоит из вопросов, связанных с исследованием современного политического терроризма применительно к изменяющейся мировой ситуации, в том числе в Таджикистане.

С точки зрения автора, предотвращение политического терроризма внутри страны и за рубежом имеет первостепенное значение для Республики Таджикистан, поскольку терроризм стал опасным социально-политическим явлением и используется на международной арене как незаконное средство достижения цели.

В конце диссертации автор подводит итоги своего исследования и на основании результатов исследования дает рекомендации и практические предложения по более активной и эффективной борьбе с политическим терроризмом и его формами в Таджикистане.

ANNOTATION

to the dissertation abstract of Fayzov Ramazon Kholmadovich on the topic "Political terrorism and its features in the context of a changing society" (experience of Tajikistan) for the degree of Doctor of Philosophy (PhD), doctor in the specialty 6D050200 - Political Science

Keywords: terrorism, extremism, political terrorism, religious extremism, the fight against terrorism and extremism, political ideology, national interests, violence, criminal groups, terror, undesirable phenomena, socio-political phenomena, political system, changing society, security and stability of the region , civil society, Tajikistan.

The dissertation is devoted to the study of issues related to political terrorism and its characteristics in the context of a changing society based on the experience of Tajikistan. First of all, the author analyzes the scientific and theoretical foundations of the subject and, on the basis of a deep study of sources, shows the essence and forms of political terrorism.

The dissertation consists of two chapters and five sections. The first chapter, entitled "Theoretical and methodological foundations of research and analysis of the problem of political terrorism", is devoted to the study of the scientific and theoretical foundations and conceptual features of the problem of political terrorism; based on the analysis of modern scientific theories, the concept and essence of political terrorism are shown, and important signs and features of this undesirable phenomenon are identified.

From the author's point of view, the prevention of political terrorism within the country and abroad is of paramount importance for the Republic of Tajikistan, since terrorism has become a dangerous socio-political phenomenon and is used in the international arena as an illegal means of achieving purposes.

At the end of the dissertation, the author sums up the results of his research and, based on the results of the research, gives recommendations and practical proposals for a more active and effective fight against political terrorism and its forms in Tajikistan.

КУЛЯБСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
ИМЕНИ АБУАБДУЛЛОХИ РУДАКИ

На правах рукописи

УДК: 341. 221. 4 (575. 3)
ББК: 67.91 (2Т)
Ф - 17

Файзов Рамазон Холмадович

ПОЛИТИЧЕСКИЙ ТЕРРОРИЗМ И ЕГО ОСОБЕННОСТИ В УСЛОВИЯХ ИЗМЕНЕНИЯ ОБЩЕСТВА (ОПЫТ ТАДЖИКИСТАНА)

АВТОРЕФЕРАТ

диссертации на соискание ученой степени
доктора философии(PhD), докторпо
специальности6D050200 – Политология (6D050202 –
Политические институты,процессы и технологии

Куляб – 2022

Диссертация выполнена на кафедре политологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллохи Рудаки.

Научный руководитель:	**Каримов Шамсиддин Турсунматович,** доктор политических наук, директор Национальной ассоциатциинеправитель-ственных организаций Тажикистана
Официальные рецензенты:	**Маҳмадизода Нозим Давлатмурод,**доктор философских наук, декан факультета философии Таджикского национального университета. **Неъмонов Джафар Мулкамонович,**кандидат политических наук, доцент, заведующий. кафедрой гуманитарных наук Таджикского государственного университета
Ведущая организация:	**Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан**

Защита состоится «10» июня 2022 года в «16^{00}» часов на заседании Диссертационного совета 6D.KOA–001 при Таджикском национальном университете по адресу (734025, г. Душанбе, Буни Хисорак, учебный корпус 15.

С диссертацией можно ознакомиться в научной библиотеке Таджикского национального университета и на официальном сайте ТНУ (г. Душанбе, проспект Рудаки, 17).

Автореферат разослан «____» _____ 2022 года.

И.о ученого секретаря
Диссертационного совета,
доктор исторических наук Акрами З.И.

ВВЕДЕНИЕ

Актуальность темы исследования. Изучение и анализ современной цивилизации определяет начало третьего тысячелетия ростом различных форм терроризма, распространившихся во многих странах мира. В связи с этим терроризм превратился в один из нежелательных социально-политических явлениий и используется на международной арене в качестве средства незаконного достижения цели. Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон в своем Послании уделил этому вопросу серьезное внимание и подчеркнул необходимость борьбы с современными угрозами: «... беспорядки и конфликты продолжаются в различных частях мира и признается мировым сообществом как трудное и противоречивое время. За этот период более ста стран мира подверглись бесчеловечным нападениям террористов и экстремистов»[1]. В связи с этим нежелательным явлением глава государства еще подчеркнул: «Терроризм и экстремизм стали глобальной угрозой и вызывают озабоченность современного мира. Рост преступлений, имеющие экстремистский и террористический характер, способствует распространению международного терроризма, активизации экстремистских элементов, вовлечению молодежи в ряды экстремистских и террористических организаций и их участию в вооруженных конфликтах в зарубежных странах. Мы должны приложить усилия, чтобы предотвратить вовлечение молодежи нашей страны в такие экстремистские и террористические партии и движения»[2].

Политический терроризм, как ядовитая повседневная проблема, представляет прямую угрозу фундаментальным основам мироустройства в результате расширения географии беспорядков. И сегодня одной из главных проблем в обеспечении устойчивого развития меняющегося общества является усиление борьбы за влияние между различными социальными, политическими, национальными, религиозными, региональными группами, союзами, международными организациями этнического и религиозного характера, часто использующие террористические методы. Международный опыт борьбы с терроризмом и экстремизмом

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017. [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/16771 (санаи мурочиат: 23.05.2019).

[2] Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои Истиқлол [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: «Ганҷ-нашриёт», 2018. – С. 372.

